*Пас аз он ки бар тахти шохӣ нишаст,*

*Шукӯхи Хуросон биёмад ба даст.*

*Начиби Борвар*

Точикон ва форсизабонони Хуросон хамчун миллати фархангсолор, сохибихтиёр ва тамаддунофар дар имтидоди таърих хамеша сахми басазои худро дар рушди тамоми сохахои давлатдорӣ, зербинои љомеа, иктисод, тичорат, илм, фарханг, адабиёт, меъморӣ ва хунар гузоштаанд.

Онхо хайри чамъӣ ва салохдиди умумимардумиро ба инобат гирифта, хама вакт барои хифзи тамомияти арзӣ, густариши адолат, нангу номуси мардум ва баркарории давлати марказӣ мубориза бурдаанд. Мурури кӯтохе ба таърихи Афгонистони муосир нишон медихад, ки фарханги точик нуфузи «файзбор ва шарафосор» [1] дар ташаккули маданият ва зехнияти чомеаи кишвари хамсоя доштааст. Шахрхои Хирот, Мазори

Шариф, Кобул, Зобул, Самангон, Сиистон, Гандахор, Кухандиж, Чавзгон, Гур, Каписо, Парвон ва Газнӣ, водихои тамаддунофар аз кабили дараи Каён, дараи Панчшер, дараи Сӯф, дараи Шимолӣ, дараи Соланг, дараи Хинчону Андароб, дараи Гур, Чордара, дараи Толаву Барфак, Чувайдара, дараи Рогистон, дараи Асмор ва гайрае, ки хамчун маркази тамаддуни мардуми бумӣ кадр афрохтаанд ва дар он чо хувият ва фарханги миллӣ шакл гирифтааст, ба таври дастачамъӣ то аввали асри 20-ум макони зисти точикон будааст.

Як назари ичмолӣ ба ин шахрхо хакикатеро бармало месозад, ки дар Афгонистон кӣ аксарият аст ва кӣ акаллият? «Офтобро бо доман пӯшонидан намешавад», ки дар шахрхо аксари мардум зиндагӣ мекунад ва тачамуи муассисахои иктисодӣ-тичоратӣ ва мухити созгори илмӣ-фархангӣ сокинони дехотро дар хар кишвари дилхох ба шахр чалб мекунад ва онхо бо сарозер шудан ба ин марказхо фарханги шахрнишиниро имтихон мекунанд. Элфингстон, сайёх ва низомии англис, вакте ки дар аввали асри 19 ба вилояти Нангархор, ки холо хилофи адолати таърихӣ паштуннишин хисобида мешавад, меояд, эътироф мекунад, ки аз 11 нохияи ин вилоят дар 9-тои он точикон сукунат доранд.

Тамоми тадкикоти таърихие, ки аз тарафи пажӯхишгарони рус ва аврупоӣ то хол анчом дода шудааст, бо такя ба далелхои кавӣ, ковишхо ва ёдгорихои таърихӣ, ки дар натичаи омӯзиши чиддии илмӣ ба даст омадаанд, бар онанд, ки фарханги точикон на танхо дар таъсирпазирии халку мардуми Афгонистон, балки дар пайдоиши халкхои нав, ки забон ва фарханги точиконро эътироф ва пурра пазируфта, дар он мархилаи тамаддуниро гузаштаанд, сахмгузор аст. Чунончи, ба ин кишри мардум – хазорахо, паштунхои даризабон шомил мешаванд, ки бо забони дарӣ-форсӣ-точикӣ такаллум мекунанд ва фарханги мардуми тахчоиро чузъи хувияти худ мепиндоранд. Хатто дар зери таъсири фарханги точикӣ халке дар вилоятхои Тахор ва Бадахшони Афгонистон сукунат доранд, ки худро «туркони порсигӯ» меноманд ва созише дар сархади хувиятӣ бо точикон ба вучуд овардаанд.

Точикон давлатхои мустакил ва империяи комилхукук дар худуди Афгонистони имрӯза доштанд, ки империяи Кӯшониён аз чумлаи онхост. То соли 90-уми асри гузашта, чунин пиндошта мешуд, ки кӯшониён кӯчманчӣ будаанд, вале катибаи Работак, ки ба дасти Канишка – шохи кӯшонӣ навишта шудааст ва шархи холи ӯро дарбар мегирад, як инкилоби илмӣ дар бораи пайдоиши ин сулола зам намуд. Шох Канишка дар катибаи Работак, ки дар чанд километрии пойтахти вилояти Самангон – Айбек ва сархади вилояти Баглон ёфта шудааст, аз шачараи авлодии худ сухан кушода, икрор мешавад, ки аз ирки ориёӣ мебошад.

Ин хакикати бебахс ва дар тӯли таърих шаклёфта аз чониби ягон гурӯх ва хукумате то холо сарфи назар нашудааст. Харчанд ки хокимони сулолахои вакт меомаданду мерафтанд, бо мурури замон зери таъсири фарханги шахсиятсозии ориёӣ карор мегирифтанд ва мархилаи полоиши тамаддуниро тай менамуданд. Аз сӯи дигар, ин тагйироти хувиятӣ бистари таърихӣ ва омили айнӣ хам дар пай дошт, зеро кабилаҳои ҷанубӣ аз шимолу шарки Хинд дар асри 14 ба Хуросон омаданро огоз карданд ва ин раванди мухочирати ичборӣ, ки тахлилу тачзияи он аз мавзӯъ берун аст, то холо идома дорад.

Агар ба таърихи ин кишвар бингарем, аён мегардад, ки тасаллути пурраи забони точикии дарӣ нишонаи доноиву хушёрӣ, бофархангиву пешравӣ дар пешбурди равандхои ичтимоӣ арзёбӣ мегардид. Аз ин рӯ, нухбагон ва ашрофзодагони аҳли кабила аз гановатмандии ин забони оламшумул, ки иктидори сарбории маънавии хазорсоларо дошт ва аз Чин то сархади Аврупо тавсеа ёфта буд, дар мухити хонавода ва долонхои дарбор истифода мебурданд. Табиист, ки олудагихои зехнияти кабилавиро бо насими фарханги созанда ва дунявимадор аз вучудашон зудуда менамуданд. Харчанд дар мактаи замонӣ чангро худ баранда буданд (чанги дуюми афгону англис) ба худ саволхое мармуз мегузоштанд, ба сохибватанӣ будан ва рисолати рахбарии худ шакку шубха мекарданд:

Мекунам девонагӣ то бар сарам гавго шавад,

Сикка бар зар мезанам, то сохибаш пайдо шавад. [2]

Агар ба казияхои на он кадар дури солхои 2000-ум таваччух намоем, хамин тарзи иштибохи таърихӣ бо каме тагйирот дар Кобул боз такрор гашт. Раиси чумхури тамомъиёр ва комилхукуки Афгонистонро «Чабхаи муковимат» соли 2001 напазируфт, бо муомилаи шубханок хукуматро ба нафаре хавола карданд, ки аслан дар байни мардум ва миёни сахнаи сиёсии кишвар шинохте надошт. Натичаи ин муомилот бар зарари манофеи миллӣ буд.

Сайри такомули таърихӣ бар ковиши макому мартабаи Хабибуллои Калаконӣ нишон медихад, ки хукумати кабиласолори амонӣ дар 16-уми январи соли 1929 (сукут 13 октябри 1929) аз дасти ӯ ва ёрони вафодораш ба шикаст мувочех шуд. Тилисми шикастнопазири истибдоди анкариб дусад соларо ба боди фано рӯ ба рӯ кард.

Таърихнигории афгонӣ, ки бар усули паштунмехварӣ то солхои 90-уми асри гузашта побарчо буд, аз шахсияти Хабибуллои Калаконӣ як шахси «иртичоӣ» ва «кафомонда» чехрасозӣ кардаанд (хусусан китоби тафрикаандоз ва шовинистии «Сакавии дуввум» Афгони Самсур). Чунончи муаллифи китоби «Афгонистон дар масири таърих» М.Губор бо як хашми рӯшод ва орӣ аз хакикати таърихӣ овардааст: *«Хабибуллои Калаконӣ машхур ба «Бачаи Сакав» аз шохони муртачеъ ва бесавод буд, ки тибки тавтиаи англисхо алайхи шохи мутараккӣ ва ватандӯст, гозӣ Амонуллохон даст ба шӯриш зад ва дар 20 чиддии 1307 бо хамкории рухониёни ачир ва фурӯхташуда ба дурахшонтарин даврони таърихи мо поён дода, ба кудрат расид».* [3]

Ин таърихшиносон, ки имтиёзхӯрони сулолахои дурронӣ будаанд, дар мавкеъгирии гайрилмӣ ва дур аз хакикати худ танхо бар махкумияти бечунучарои Хабибулло Калаконӣ ва пешдоварихои козибона такя кардаанд, ки ба акидаи коршиносони муосир хилофи тарзу усулхои мунсифона ва одилонаи таърихнигорӣ мебошад. Хатто падари шеъри дарӣ Халилуллои Халилӣ дар мачмуъ асари хубе, ки тобиши достонӣ дорад бо номи «Айёре аз Хуросон» навиштааст, вале дар баъзе бахшхо ишорахои нораво ва пойбанди тасвири калишавии шахсияти Хабибуллои Калаконӣ (камбагали барахнопойи бесавод, кӯхпаймои богбони ангурфурӯш ва г.) будааст.

Ривояти дигаре дар зехни таърихшиносони ростин нисбат ба Хабибуллои Калаконӣ аст, ки аз мактаби олими тавоно Хакназар Назаров маншаъ мегирад. Ин тасвир бар пояи адолати таърихӣ ва бозгӯйи хакикат аст. Бар асоси ин фарзия, Хабибуллои Калаконӣ сарвари шӯриши дехконӣ мебошад ва пӯшиши мазхабӣ ба фаъолияти ӯ додан аз рӯйи методи мукоисавӣ, вазъи геополитикии он замон ва шароити конкретӣ – таърихӣ раво нест. Сараввал, ӯ пуштивона ва собикаи динӣ надошт, мадрасаи динӣ хатм накарда буд, ба хеч вачх тафаккури динмехвар ва ба доирахои рухонияти расмӣ ва гайрирасмӣ ворид набуд. Як низомии часур, корманди миёнаомори давлатӣ ва давлатмадор буд, ки беадолатихои хонхои бориксзайӣ ӯро водор кард, ки силох ба даст бигирад. Дар амалиётхои чангӣ иштирок меварзид, баръакс дар дастгир кардани дузду рохзанхо иштироки фаъол дошт. Аз хама мухим манфиати миллии худро дар киболи хучумхои кабиласолорӣ дарк мекард ва дар ин росто аз хунари басич ва муттахид кардани мардум бархӯрдор буд.  Муаррих Х.Назаров бо такя ба рӯзномаву маводи гании таърихии он вакт менигорад, ки вакте ки Хабибулло Калаконӣ бо дехконхои худ вориди Кобул гашт, мисли кабилахои вазириву масъудӣ, ки бо амри Нодирхон дар мохи октябри соли 1929 амал мекарданд, чиноят содир накард. Кабилахои чанубӣ на танхо хонаву дар ва хатто харами худи Нодирхон, балки сафоратхонахои хоричиро талаву тороч карданд, сафири Туркияи он вакт ба ивази ришва чон ба саломат бурд.

Дар китоби «Макоми точикон дар таърихи Афгонистон» Х.Назаров нусхаи яке аз фармонхои амири Хабибуллои Калаконӣ дар бораи ривочи илму адаб ва забономӯзӣ омадааст, ки аз он далолат мекунад, ки ӯ ба рушди маориф бетараф набуд. [4]

Дигар далели росих ва муътамади шахсияти одил, бофарханг ва давлатмадор будани подшох Хабибуллои Калаконӣ, муносибати ӯ ба масоили занон буд. Маводи мадракии таърихӣ далолат аз он мекунанд, ки дидгохи ӯ назари танги мафкураи ифротӣ нисбат ба зан набуд, хамсари ӯ Бибӣ Сарварии Сангарӣ, Малика Сангарӣ бинти Мухаммад Хайдар, маликаи Афгонистон дар тамоми сангархои набард бо шавхараш дасту панча нарм мекард ва аз ин лихоз, тахаллуси «Сангарӣ» гирифта буд.

Сониан, шоири даризабони умедбахш Начиби Борвар бар нуктаи дигар таъкид меварзад ва менигорад, ки «расму суннати он рӯзгор чунин буд, ки агар касе ба ростӣ ва дурустӣ сифоти айёрӣ надошт, ӯро айёр лакаб намонданд. Мегӯянд вакте ки кудратро ба даст овард, хохарони Амонуллохон дар Арк ба дасти ӯ афтоданд. Дар холе ки Амонуллохон аз чониби Кандахор дубора дар талоши сарнагунии Калаконӣ буд, ӯ хохарон ва хонаводаи Амоннуллоро вориди масоили сиёсӣ накард. Яке аз наздикони Амонуллоро талбид ва навомиси душманашро бо иззат ба онон таслим кард, аз ин рӯ буд, ки айёр лакаб гирифт.

Ба гуфте:

Ба номуси душман нигохе накард,

Бо комуси мардӣ гунохе накард.

Аммо бубинед Нодирхон (бо лакаби гаддор) бо Бибӣ Сангарӣ хамсари Хабибуллои Калаконӣ чӣ кард? Ӯро бо ду духтараш ва писараш Асадулло ба 20 сол зиндони Дехмазанг махкум кард, писарашро дар зиндон масмум намуд. Ба ин иктифо накарда, ӯро ба Балх таъбид намуд. Муаллифи ин сатрхо соли 2004 дар Мазори Шариф тахкикот дар ин маврид бурд ва маълум гашт, ки баъд аз таъбид дар махаллаи арабнишини шахри Мазори Шариф панох бурд ва бинобар мехри мардумие ки хамсараш ва худаш дошт, то охири умр дар ин чо панохгохи амн ёфт. Худ казоват кунед, кӣ бо чахлу таассуб хукуматронӣ мекард ва кӣ бо мутакко бар акли солим ва оянданигарӣ?

Ба акидаи афгонистоншиноси шинохтаи точик Косимшо Искандаров киёми Хабибуллои Калаконӣ мукаддима ва пешшарт дошт, ки зулму ситами зиёд ва катли оми мардуми шимол, хусусан точику хазора дар пай дошт ва ин як навъ вокуниши умумимиллӣ буд дар сатхи Афгонистони вакт: “Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар њудуди 100 њазор хонаводаи паштун аз љануб ва шарќи Афѓонистон ба шимол муњољир карда шуданд. Бо ин рох амирон мехостанд дар шимол такягохи ичтимоӣ дошта бошанд. Ин дар њоле буд, ки ба кавли муаррихин дар ин минтаќањо заминњои бесохиб набуданд ва ноќилин заминњои мардуми мањаллї, яъне тољикону узбекњоро тасарруф менамуданд.

Дар давраи подшохии Амонуллохон (1919-1929) “Низомномаи ноќилин” ќабул шуд, ки мувофиќи он њукуматњои мањаллї дар шимол уњдадор шуданд њазорон нафар аз ноќилинро пазируфта, онњоро бо заминњои обї таъмин намоянд. Давлат ба ноќилин имтиёзњои дигари зиёдро пешбинӣ намуд, аз љумла барои 12 сол аз пардохти андоз озод карда шуданд. Аз њамон давра дар минтаќаи васеи шимол, аз Њирот то Бадахшон минтаќањои паштуннишин, ба истилоњ “анклавњо” ба вуљуд омаданд, ки имрўз, мутаассифона ин “анклавњои” паштуннишин хоса дар вилоятњои шимолї: Форёб, Сари пул, Љузљон, Баѓлон ва Ќундуз ба пойгоњњои аслии толибон ва террористон мубаддал шудаанд.

Ин шўриш њељ омили ќавмї надошт ва точикони дастахои Хабибулло бо кумаки кабилахои паштун тавонистанд Амонуллохонро сарнагун намоянд. Аммо баъзе аз рахбарони паштун, ба хусус Муњаммад Нодирхон паштунњоро бо таблиѓоти васеъ, ки гўё саркардаи онњо як «тољики пойлуч» ва «бенасаб» бо номи Бачаи Саќав (онњо Њабибуллохро тањќиромез Бачаи Саќав, яъне бачаи обкаш  ва хукуматашро Сакавӣ номиданд), тахти подшохии афѓонњоро ба даст гирифтааст, ба мукобили Хукумати Хабибуллох тахрик намуданд. [5]

Зимни тахкикот як падидаи умумӣ ва маълум ки тахти фишор такрор ба такрор дар китобхои таърихнигорони Афгонистон омадааст, бармало гашт – ин маълумоти шархихолии Хабибуллои Калаконӣ аст, ки дар асархои “Афгонистон дар масири таърих”, “Афгонистон дар панчи карни ахир”, “Афгонистон дар ахди амония” (Вокунишхои мазхабӣ ва тахаввулоти ичтимоии замони салтанати Амонуллохон (1919-1929)-и Сензил Навид” омадааст. Чунин тасаввур мешавад, ки хама ба умки масъала ворид нагардида, як ибораву чумлахои монандро зери фишори таблиготи густурда дар китобхо коридаанд.

Омили дуввум, ки аз пажӯхиш маълум мегардад, хукуматдорони вакти Афгонистон дар лахзахои бухронӣ истифода аз иктидори чангии кабилахои чанубиро аз Хинди Бритониявӣ махаки асосӣ ва нуктаи такягохии муборизаи худ медонистанд. Дар китоби Сензил Навид  3 номаи Амонуллохон ва Нодирхон ба кавмхои танай, чочӣ ва бошандагони вилоятхои   чанубӣ зикр шудааст, ки порае аз номаи Амонулло ба кабилахои чанубиро мехонам: “Хамоно мардуми Кандахор назди ман омаданд ва гуфтанд,  эхсоси ватандӯстӣ,гайрат ва афгонияти онхо абадан ба эшон ичоза намедихад, ки ба идора касе монанди Бачаи Сако  ки умрашро ба тачовуз ба мол ва дороии мардум ба сифати як котил сипарӣ кардааст,  ва ё касе ки хатто афгон (паштун) нест мувофикат кунанд”.

Такдири Спитамен, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муканнаъ, Синдбоди Муг, Темурмалик, Восеъ бо Хабибуллои Калаконӣ ба таври ачиб ба хам  гирех мехӯрад, аз сахифахои дурахшони мубориза ва чонбозихои миллати мо мебошанд. Хар яке бар хар шаклу воситаи шинохти вазъият барои таъсиси як хукумати миллии точикмехвар дар Хуросон, Мовароуннахр ва вилоятхои умумии форсизабонон саъю талоши беандоза карданд. Хосатан аз нигохи замонӣ ва шарту шароит шӯриши Восеъ ва Хабибулло Калаконӣ решапайвандхое пайдо кардан мумкин аст, ки тахкикоти густурдаро такозо мекунад. Ба якчанд-тои онхо ишора мекунем: 1) Дарки манфиатхои миллӣ ва дар

зери парчами он муттахид кардани мардум; 2) Эхёи шуури миллӣ ба кӯтохмуддат дар хиттахои Бохтари каадим; 3) Таъсис додани давлати мардумӣ бар пояи дарки иктидори худӣ; 4) Дехконхо хамчун кувваи пешоханги мубориза, агар вожаи «дехкон», «дехгон» мутародифи калимаи «точик» будааст, пас ин бардошти таърихӣ дар рафтори ин ду кахрамон унсури хамагонӣ доштааст; 5) Хаммонанд будани баромади ичтимоии кахрамонхо; 6) Часорати истиснoии миллӣ; 7) Айёрӣ ва чавонмардӣ  ва г.  Яке аз омилхои сар задани киёми Хабибуллои Калаконӣ боло бурдани молиёт ва андози камаршикан буд, ки дар шӯриши Восеъ хам ин омил ба шиддат ба назар мерасад.

Подшохи Афгонистон Хабибулло Калаконӣ, айёре аз Хуросон, чавонмарде, ки футуватро парчами худ дониста ва шинохта буд. Ба гуфти нависандаи точик М.Шукурзода чавонмардӣ ва таъбири дигаре аз ин вожа, айёр дорои се сифати аслист:

1.Сахо, яъне саховат дар андешаи айёрон ва чавонмардон ба ин маънист, ки инсон аз молу маноли рӯзгор он чӣ ба даст оварад, бояд дар рохи осоиши халк сарф кунад.

2. Сафо: ин сулук чавонмардро водор ба покизагии ботин менамояд: яъне инсони ворастаро зарур аст, калби хешро аз хирс ва кина тоза ва тамиз нигох дорад, ва дар ин чода базлу бахшоиш низ сафои ботин махсуб мешавад.

3. Ва нихоят: Вафо: тибки ин ойин айёр бояд барои дӯсти хакикӣ ва хатто мачозӣ хатто чонфидо бошад, аз худ бигзарад ва дар масири дӯстӣ аз марг наяндешад, ба фармуди орифе порсигӯй:

Дар дӯстӣ мулохизаи маргу зист нест,

Душман бех аз касе, ки намирад барои дӯст. [6]

Точикон хамчун миллати куханбунёд ва тамаддунофар ба кавли Хофизи бузург чун *«булбул ба шохи сарв ба гулбонги пахлавӣ, мехонд д*
*ӯ*
*ш дарси ма*
*к*
*омоти маънав*
*й*
» рисолати инсонсозӣ, равшанфикрӣ ва талкини чавхари биниши илмандӯзиро ба дигарон манзур медоштанд, то ки чахли мураккаби афкорӣ ва таассуби камёфти рафторӣ дар чомеа бар аклхо мусалат нагардад.

Ба гановатмандии нодири фархангӣ ва забонӣ хам икрор буданд ва дар имтидоди таърих ба забони хол нухбагони паштутабор хам, ки дагдагаи давлатдорӣ доранд, бо ду дасти адаб эътироф кардаанд. Чунончи Махмуди Тарзӣ, андешапардози миллатгароии афгонӣ бар он аст, ки: «зотан мардуми афгон чун умуман ба кори аскарӣ ва футухоти билоду харбу зарб гирифтор буданд, ба корхои мирзоӣ ва тахрироти хукуматӣ вакт ва фурсат надоштанд ва хатто ин корхоро ор мешумориданд. Китобхои тахсили иму адабиёт хама ба забони форсӣ ва ё арабӣ буданд. Забони афгонӣ (хонда шавад пашту – Н.У.) ба дарачаи кифоят аз ин чизхо саросар махрум монда буд» [7] . Амирони шинохтаи пашту на танхо донандаи забони дарӣ, балки ба ин забон васвасаи хунари шоирӣ доштанд ва девон хам таълиф кардаанд.

Муаллифи маколаи «Зехнияти хатарзои толибонӣ ва муомилаи шубханоки абаркудратхо» муътакид аст, ки *«нигохи толибон ба зиндаг* *й нигохи*
*к*
*афомондаи асримиёнагист, он*
*х*
*о талош мекунанд, дар*
*к*
*олаби шариати*
*г*
*уррои вопасгаро дар*
*к*
*арни иттилоотии 21 пешдовар*
*й*
*намоянд,*
*х*
*ама масъала*
*х*
*ои дар т*
*ӯ*
*ли 1400 сол пеш ба ву*
*ч*
*удомадаро са*
*х*
*лу осон пиндоранд. Ин як сароби фиребандаест,*
*ки мардумро г*
*ӯ*
*лу гумро*
*х*
*мекунад. Дар барномаи толибон ву*
*ч*
*уди зан*
*х*
*амчун мав*
*ч*

*уди нолозим матра*

*х*

*гаштааст. Ба мудирияти ин*

*ч*

*анганда*

*х*

*ои толиби*

*х*

*ирсу молу*

*ч*

*он менигаред, аслан мардум дар он*

*ч*

*ое надорад*

».

Шоир Мухиби Бориш дар бахси он ки сарзамини Афгонистонро набояд танхо як кавм, яъне паштунхо хукуматдорӣ кунанд, чунин хитоб карда:

Кабила чӣ бошад, ки шохӣ кунад,

Ба кудрат чу ояд, табохӣ кунад... **[8]**

Хабибуллои Калаконӣ ба шинохти комили худшиносии миллӣ расида буд, ки шоир Н.Борвар ба он ишора дорад:

Пас аз хафт карну пас аз солхо,

Шикастанд занчиру ишголхо.

Точикони Афгонистон фурсати барои хадафхои дигарон мубориза бурданро надоранд. Рохи асосӣ ва мехварии онхо дар ояндаи наздик басич сохтани тамоми мардум бар зидди тахдиду хатархои тамаддунӣ мебошад. Муттахид шудан дар атрофи рахбарони асил, ки дар байни ахолӣ обрӯву эътибор доранд, боло бурдани худшиносии миллӣ ва тархрезии барномаи дарозмуддат барои эхёи нуфузу макоми шоистаи точикон метавонад рохи халли казияи Афгонистон ва сарнавишти ояндаи минтакаро ракам бизанад.

Таърих амалан такрор намешавад, вале чи тавре ки олими рус Ключевский В.О. гуфтааст: «Таърих мураббӣ нест, махкумкунанда аст, он тарбия намекунад, чазо медихад» (История не учитель, а надзирательница, она не воспитывает, а только наказывает). [9]

Хамин тарик, бо боварии комил гуфтан лозим аст, ки дурнамои давлатсозии точикон ба оянда рахнамун сохта шуда, бо такя ба асолати миллӣ ва кудрати худӣ рушду нумуъ хохад кард. Тамаддуни шухратёри точик ва форсизабонон тавъам бо тафаккури миллӣ мавкеи хос дорад, яксубин ва таблиггари масири созандаи чахонбинии илмӣ ва худшиносии миллӣ буда, барои созу барги давлати ояндаи пасотолибӣ ва тарбияи инсони ормонӣ дар Хуросони таърихӣ ва Афгонистон кунунӣ заминаи мусоид фарохам меоварад.

Дар фарчоми тахлилномаи имрӯза ба натичае мерасем, ки фарханги точик чузъи тафаккури мардуми Афгонистон гаштааст, ки нишонахои он дар аъмоли завкӣ, рафторӣ, санъат, меъморӣ, хайкалтарошӣ, наккошӣ, хунар, умури давлатдорӣ ва хувиятӣ дида мешавад. Касе ки китоби нависандаи турк Орхан Памук «Номи ман сурх»-ро мутолиа кардааст, медонад, ки он дар зери таъсири мактаби минатюраи рассомони Хирот, аз чумла Камолиддин Бехзод эчод шудааст, ки бори дигар гуфтахои моро дар ин робита тасдик менамояд.

Аз ин рӯ, бояд бознигарии илмии омӯзиши шахсият ва макоми Хабибуллои Калаконӣ дар таърихи минтака рохандозӣ карда шавад;

Шароити шикасти асорати 180 солаи зехнияти кабилавӣ аз чониби ӯ олимона бар усули хакикати таърихӣ пайгирӣ карда шавад;

Барчаспхои норавои «бачаи Сако» ва дигар лакабхои дар матбуот ва пажӯхишхои илмӣ ба Хабибуллои Калаконӣ додаанд, хазф гардад;

Китобхои «Сакавии дуввум» ва амсоли он хамчун хилофи асолати илмӣ ва тафрикаандозӣ махкум карда шаванд;

Китоби Латиф Каримӣ «Ягмои мангалии дуюм» ба хатти кириллӣ баргардон карда шавад;

Бар низоми мардумсолорӣ, айёрӣ ва чавонмардӣ дар пешбурди хукуматдорӣ хамчун унсури кудрати худии Хабибуллои Калаконӣ бо такя бар пойгохи кавии илмӣ-пажӯхишии мактаби афгонистоншиносии точик ва бар усули бетарафии муарриху таърихнигорӣ таъкид карда шавад.

**Умед Назаров,**

**пажӯхишгари масоили Афгонистон**

**бознашр аз рӯзномаи “Чумхурият аз 26.05.23с.**

---

[1] . Ибора аз Улугзода С. «Восеъ», -Душанбе. – Ирфон. -1968. эзохи муаллиф.

[2] Назаров Њ. Макоми тољикон дар таърихи Афѓонистон. - С.381.

1. Ѓубор М.М. Афѓонистон дар масири таърих. -Кобул, 2002. С-815

[4] Назаров Њ. Макоми тољикон дар таърихи Афѓонистон, -Душанбе, - 2003, С.381

[5] Ѓубор М.М. Афѓонистон дар масири таърих. -Кобул, 2002. - С.71.

[7] Афгонистони имрӯз, -Душанбе, 2018. - С.185.

[8] Рахмон Х. Соярӯшанхои сарнавишти точикони Афгонистон. «Минбари халк». №13 (1410).

[9] Ключевский В.О. Афоризмы. //Электронный ресурс: https://eksmo.ru . Дата обращения 19.05.23.